ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ». – Душанбе, 2024. – 24 саҳ.

Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ (1897-1970) ҳамчун чеҳраи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динӣ дар Афғонистони садаи бистум шуҳрат дошта бошад ҳам, чун шоир ва нависанда ношинохта боқӣ мондааст. Ӯ зодаи Кӯлоби Тоҷикистон аст, вале тамоми фаъолияти сиёсию иҷтимоӣ ва адабияш дар сарзамини Афғонистон сурат гирифтааст ва тибқи маълумоти додаи Мирзо Муҳаммади Рустоӣ аз Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ то ба имрӯз 57 асари назмию насрӣ боқӣ мондааст, ки бештари онро назм ташкил додааст.

Осори Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ дар воқеъ тобеи шароит ва муносиботи сиёсии ҷомеаи зиндагиаш буда, он офаридаҳо ва сурудаҳо ба таври табиӣ аз вазъияти ҷорӣ дар зиндагии ӯ моя гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат, мавзуи мавриди таҳқиқ, комилан, тоза ва нав буда, то имрӯз дар бораи он рисола ва мақолаи ҷиддие анҷом нашудааст. Мирзо Муҳаммади Рустоӣ дар қисмати аввали автореферат ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқро мушаххас карда, масъалаҳоеро аз қабили баррасии авзоъ ва ҳолоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи зиндагии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо такя ба сарчашмаҳои муътамади адабӣ, таърихӣ ва таҳқиқоти донишмандони муосир, зиндагӣ, кор ва фаъолияту таъсири вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ба ҳаёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бар асоси маохизи адабӣ ва таърихӣ, муқоисаи абёти девони чопшудаи феълии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бо девони қаблиаш, таҳқиқ ва дақиқ намудани теъдоди ғазалиёти пурра ва нопурраю сохтори маҷмуаи ғазалиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, таъини баҳр ва авзону нишон додани он дар ғазалиёти шоир, таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи қофия ва радиф дар ғазалиёти шоир бо овардани мисолҳои мушаххас,баррасии вижагиҳои забон ва сабки баёни Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, муайян намудани нақш, маҳорат ва истеъдоди фитрии Каёнӣ дар истифода аз саноеи бадеӣ ба риштаи пажӯҳиш кашидааст.

Навгонии пажӯҳиши диссертант аз он иборат аст, ки доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ бори аввал дар адабиётшиносии Тоҷикистон ва Афғонистон дар шакли рисолаи диссертатсионӣ сурат гирифта, дар он масъалаҳои

зиндагиномаи Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ, мероси адабӣ, осори манзум ва мансур, анвои шеъри Каёнӣ ва мавқеи ғазал дар эҷодиёти ӯ, сайри таҳаввули ғазал то замони Каёнӣ, сохт ва таркиби ғазалиёти шоир, мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Каёнӣ, забон ва тарзи баён, вазн, қофия, радиф ва хусусиёти бадеии ашъори шоир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Тавре аз автореферат бармеояд, диссертатсияи Мирзо Муҳаммад Рустоӣ дар мавзуи «Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ва эҷодиёти ӯ» аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумияш 183 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст.

Диссертант дар автореферат муҳтавои ҳамаи боб, фасл ва зерфаслҳои диссертатсияро ба тарзи фишурда баён карда, хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардааст.

Муҳтавои автореферат чунин хулосаро пеш меорад, ки диссертант аз назарияи адабиёт огоҳии комил дорад ва ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои лафзию мундариҷавии осори шоири мавриди пажӯҳиш авзони ашъор, қофияву радиф, забону услуб, сабк ва саноеи шеърии ашъорро хеле дақиқ таҳлил мекунад. Аз ҷараёни таҳаввули шеъри асримиёнагию муосир низ вуқуфи комил дорад.

Дар баробари комёбиҳо баъзе норасоиҳо низ дар автореферат ба мушоҳида мерасанд:

1. Мушаххас кардани ҷанбаи ҳунарии ашъор ва таъйин намудани мақоми суханвар дар ҷодаи ҳунар аз муҳаққиқ назари интиқодии хоссаро талаб менамояд. Матлаб ин аст, ки маҳорати суханварии шоирро аз рӯи тақлиду татабуъ ва пайравию тазмин муайян намекунанд. Диссертант ҳангоми таҳқиқи ҷанбаи ҳунарии ашъори ғиноии Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ ҷое менависад, ки “Девони ашъор”-и эшон мамлу аз масоили ишқӣ ва тавсифӣ аст, ки чун ҳазрати Ҳофиз аз маю маъшуқ ва бодаю соқӣ ҳарфу баён дошта ва бо ба кор бастани таркиботи зебое мисли бодаи гулгун, лаъли фом, чашми наргис, шохи шамшод, зулфи анбарин, қади дилҷӯ, соғари саҳбо, шӯри ҷунун, ҳалқаи зулф, баёзи гардан, барги лола, чини кокул, тири хаданг, насими субҳгаҳ, шохи гул, бозори сунбул, ҳарими дӯст, нолаи мастона, соғари май, тири нигоҳ, кунҷи хилват, занҷири тааллуқ, дили ғамгусор, бори субҳидам, лаби лаъл, қиблаи ҳоҷот, пайки ҷунун, гулгашти чаман, гули

навруста, шароби ноб, дили хаста ва ғайра вожаҳои таркибӣ ва ташбеҳоти зариф, сурудаҳои ғазалишонро (?) ҷаззоб, дилписанд ва сазовори таваҷҷуҳ гардонида аст. Чунончи:

Парешон кард боди субҳгаҳ зулфи парирӯро,
Мушавваш кард дар Чин бӯйи зулфаш нофи оҳуро…" (саҳ. 10-11)

Ҳамаи таъбироту таркибот ва байти иқтибоскардаи диссертант мустаъмалу обшӯстаанд ва дар он нишоне аз навоварӣ нест, аз ин рӯ чунин навъи ашъор дар нақди касбӣ "ҷаззобу дилписанд ва сазовори таваҷҷуҳ" шуда наметавонад.

2. Ҷойи дигар ба печидагию мубҳамӣ ва ғомизии баъзе аз шеърҳои шоир ишора карда менависад: "Каёнӣ ба далели шароити хоси сиёсӣ-иҷтимоӣ, ки дар он ба сар мебурд, саъй мекард, то ашъор, таркибот ва ороятҳои он миқдори мағмуз печида ва ибҳомомез бошад. Мисли:

Дило, зи ғуссаву андуҳи рӯзгор бимир,
Дило, зи кашмакаши ҷаври кордор бимир…» (саҳ.11)

Аммо дар ин иқтибос ягон печидагию ғомизӣ ва ибҳоме, ки дар шеъри сабки ҳиндӣ ва ё ашъори Хоқонию Анварӣ дида мешавад, мавҷуд нест. Бо овардани чанд вожаи ғарибу номустаъмал дар шеър онро печидаву мубҳам гуфтан чандон саҳеҳ нест.

3. Дар мавриди валодату реҳлати шоири мавриди таҳқиқ диссертант менависад, ки "Сайид Нодиршоҳи Каёнӣ моҳи ҳути соли 1349-и хуршедӣ, ба умри 75-солагӣ дар Кобул падруди ҳаёт гуфт ва ҷанозаи ӯ пас аз интиқол ба вилояти Бағлон, тайи маросими шондоре дар дараи Каёни ҳукуматии душӣ ба хок супурда шуд, ки ҳамакнун турбати ӯ зиёратгоҳи пайравон, иродатмандон ва дӯстдоронаш мебошад."

Аммо агар соли таваллуди шоир 1276-и хуршедӣ бошад, ӯ на дар 75 солагӣ, балки дар 73 солагӣ оламро падруд гуфтааст.

Камбудиҳои зикргардида, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши авторефератро кам намегардонад ва ислоҳи онҳо дар оянда боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии таҳқиқот мегардад.

Муҳимтарин паҳлуҳои таҳқиқоти мазкур дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 6 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ифода гардидааст.

Аннотатсияи автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охир оварда шудаанд, моҳияти илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос мекунанд.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикии
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарифзода Боймурод**

26-уми августи соли 2024.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, б. 64, ҳ. 111.
Телефон: (+992) 937971022.
E-mail: boymurod@inbox.ru

Имзои Шарифзода Боймуродро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
26-уми августи соли 2024.